«Тасдиқ мекунам»
Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон д. и. ф., профессор
____________Усмонзода Х.У.
«13» февроли соли 2024

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар - Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи Изатуллои Ҳабибзод дар мавзуи «Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 –Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ).**

## 1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Таҳлили амиқи муҳтаво ва мундариҷаи диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки воқеан кори диссертатсионии Изатуллои Ҳабибзод ба бандҳои дар диссертатсия ва автореферат нишондодашудаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият ( Амнияти иқтисодӣ) мувофиқат мекунад. Аз ҷумла: 12.1. Назарияи амнияти иқтисодӣ (категория, методология, усулҳо, механизмҳо ва абзорҳо); Типологияи амнияти иқтисодӣ; муҳимтарин аломатҳои тасниф (соҳавӣ, функсионалӣ, ниҳодӣ, минтақавӣ) ва абзорҳои танзими он; Арзишҳои ҳадди ниҳоии амнияти иқтисодӣ ва усулҳои муайян кардани онҳо; Таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт (истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, тиҷорати берунӣ, ҳарбӣ-саноатӣ ва ғайра); Механизмҳои пайдоиши ҳолатҳои буҳронӣ, ки сатҳи амнияти иқтисодиро коҳиш

медиҳад ва тадбирҳои пешгирии онҳо; Механизмҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва баланд бардоштани “захираи устуворӣ”-и нишондиҳандаҳои аввалияи (пороговых) амнияти иқтисодӣ; Манфиатҳои миллии мамлакат дар соҳаи иқтисодиёт ва баррасии онҳо ҳангоми ташаккули сиёсати иқтисодии давлат ва таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ; 12.23. Муаммоҳои ҳамгироии Тоҷикистон дар хоҷагии ҷаҳонӣ ва амнияти иқтисодии он; 12.26. Таҷрибаи хориҷии баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ (методҳо, механизмҳо, абзорҳо ва мутобиқшавии онҳо дар шароити Тоҷикистон).

## 2. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Мусаллам аст, ки дар шароити ҷаҳонишаӣ ва тезутунд гардидани вазъ дар минтақаҳои алоҳидаи ҷаҳон, барои ҳар як кишвари ҷаҳон дар баробари таъмини суботу оромии сиёсӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва молиявӣ басо муҳим мегардад. Дар ин раванд набояд фаромуш кард, ки масъалаҳои таъмини амнияти молиявӣ ба таъмини амнияти иқтисодӣ, сиёсӣ ва миллӣ дар умум тавъам буда, устуворгардонии он омили муҳими пешрафту шукуфоии мамлкат ба шумор меравад.

Новобаста аз оне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар зарфи 32 соли соҳибистиқлолӣ тавонист бо андешидани тадбирҳои саривақтӣ суботи молиявию иқтисодиро дар мамлакат таъмин намояд, дар баробари ин устуворгардонии минбаъдаи он кафолати гузариш ба рушди устувор ва мутавозин ба шумор меравад.

Дар баробари ин муайян намудани самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ сатҳҳои кафолати афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ ба мамлакат ва муаррифии хубтару беҳтари низоми молияи мамлакат дар хориҷи кишвар ба шумор меравад.

Ҳамзамон таъмини муътадилии рушди иқтисодиёт, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, ҳифзи

манфиатҳои соҳаҳои молиявӣ масъалаҳое ба шумор меравaнд, ки дараҷаи таъсири манфии омилҳои берунаро ба амнияти моливӣ кам намуда, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар тақсимоти байналмилалии меҳнат фаъол мегардонад.

Ҳамаи масъалаҳои зикргардида ва дигар мушкилотҳои ба ин алоқаманд дар диссертатсияи мазкур дарҷ гардида, мубрам ва муҳим будани мавзуи интихобгардидаро тасдиқ менамоянд.

### 3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки аз тарафи унвонҷӯ натиҷаҳои нав оид ба коркарди равишҳои консептуалии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ба даст оварда шудааст, ки имкон медиҳад, суботи молиявӣ дар мамлакат таъмин карда шуда, устувории низоми он таъмин карда шавад.

Боиси қайд аст, ки ба ҳимоя аз ҷониби муаллиф, нуктаҳои зерини ҷанбаҳои илмию назариявӣ ва методии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҳамчунин тавсияҳои амалӣ оид ба коркарди механизми таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд, ки воқеан дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, пешниҳод гардидааст:

– асосҳои назариявӣ ва методии таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти молиявӣ муқаррар карда шудааст, хусусиятҳои хоси ҷаҳонишавии молиявӣ ошкор карда шуда, аз тарафи муаллиф таърифи нави амнияти молиявӣ пешкаш карда шуда, самтҳои асосии он ошкор ва вазифаҳояш мушаххас карда шудаанд. Собит карда шудааст, ки бисёр унсурҳои ҷаҳонишавии молиявӣ дар натиҷаи рушди худи бахши молия

дар сатҳи миллӣ пайдо шудаанд, ки ба афзоиши сармояи озоди пулӣ ва ҳаракати он дар байни кишварҳо алоқамандаанд.

– дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ оқибатҳои мусбат ва таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ба низомҳои молиявии иқтисодиётҳои миллӣ мушаххас карда шуда, хусусияти муқовимати кишварҳо ба он бо дарназардошти мутобиқгардонии бахши молия ба ин раванд, истифодаи имкониятҳои байналмилаликунонии фаъолияти хоҷагидорӣ пешниҳод карда шудаанд, роҳҳои татбиқи механизмҳои пешрафтаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

- арзёбии вазъи муосир ва тамоюли устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҳлили қимматҳои воқеӣ ва ҳадду худудии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи ҳолати амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, омилҳои дохилӣ ва берунии таҳдидкунанда ба дараҷаи амнияти молиявии кишвар ошкор карда шуда, нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишвар аз рӯи қиммати воқеӣ ва ҳадду худудии он гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Зарурати коркарди механизми муассири таъмини амнияти молиявии кишвар, ки барои воридшавии мамлакат ба низоми молиявии ҷаҳонӣ мусоидат менамояд, асоснок карда шудааст.

- асосҳои институтсионалии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шуда, вазифаҳои ниҳодҳои таъмини амнияти молиявӣ муқаррар, роҳҳои самаранокгардонии сохтори институтсионалии амнияти молиявӣ тариқи мукаммалгардонии қонунгузории соҳа, баланд бардоштани маҳсулнокии фаъолияти субъектони ин низом, рушди ҳамкориҳои мақомоти танзимкунандаи соҳа пешниҳод карда шудааст, мушкилоти қонунгузорӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ (парокандагии меъёрҳои ҳуқуқии ҷойдошта; ҷой доштани мухолифатҳо дар қонунгузорӣ, мавҷуд набудани қонуни алоҳида дар самти таъмини амнияти молиявӣ, рушди нокифояи

механизми танзими амнияти молиявӣ, ҳамоҳангии нокифояи устувории молиявӣ байни мақомоти танзимкунанда ва муассисаҳои молиявӣ ва ғ.) ошкор карда шудаанд.

- самтҳои стратегии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳод карда шуда, (бунёди шароит барои баланд бардоштани сифати идоракунии молиявии мақомотҳо ва идораҳои бахши молияи мамлакат; рушди низоми назорати давлатӣ ва маҳаллии молиявӣ; бунёди низоми самараноки танзими асъор ва назорати асъор; мукаммалгардонии низоми аудити давлатӣ дар бахши молия ва буҷет; таъмини фаъолияти самаранокии низоми андоз; идоракунии самараноки қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– рақамикунонии низоми идоракунии молияи давлатӣ; таъмини самаранокии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши молия; коркард ва татбиқи механизми танзими муносибатҳои байнибуҷавӣ), таҳкими амнияти молиявӣ як раванди дарозмуҳлат арзёбӣ гардидааст, зарур шуморида шудааст, ки ҷустуҷӯи роҳҳои дастёбӣ ба он дар ячейкаҳои аввалини таъмини амнияти молиявӣ оғоз карда шавад.

- механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ коркард карда шудааст, ки низоми доимоамалкунандаи ошкорсозӣ, арзёбӣ ва идоракунии таҳдидҳои молиявиро инъикос намуда, устувории низоми молиявиро кафолат медиҳад;

– тавсияҳои илмию амалӣ оид ба мукаммалсозии механизми назорати давлатии молиявӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд. Исбот карда шудааст, ки татбиқи механизми пешниҳодшуда ба беҳтар шудани вазъи молиявии давлат, ниғоҳдории нишондиҳандаҳои он дар минтақаи субот равона гардидааст.

## 4. Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти илман асоснокгардида ва равишҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида ба рушди минбаъдаи назарияи иқтисодӣ, такмили заминавию институтсионалии фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, мукаммалгардонии фаъолияти муассисаҳои қарзӣ, коркарди стратегияҳои давлатӣ дар самти таъмини амнияти молиявӣ, андозӣ, буҷавӣ ва самтҳои дигари афзалиятноки он барои истифодаи васеи амалӣ нигаронида шудаанд.

Натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд, барои таҳияи стратегияи рушд ва дар ин замина рушди муносибатҳои молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ истифода карда шаванд.

Илова бар ин, аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки тавсияҳои мушаххас таҳия шудаанд, ки ҳангоми таҳияи консепсияҳо, стратегияҳо устуворгардонии амнияти молиявии мамлакат амалишавии ҳадафҳои стратегии мамлакат истифода карда шаванд. Муносибатҳои назариявӣ ва методии усуворгардонии амнияти молиявӣ, ки дар диссертатсия таҳия шудаанд, метавонанд, ҳамчун заминаи принсипҳои таъмини амнияти молиявӣ хизмат кунанд.

Ҳамзамон натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи диссертатсия дар макотиби олӣ дар такмили барномаҳои фанҳои таълимӣ, курсҳои махсус, ҳамзамон гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти устуворгардонии таъмини амнияти молиявӣ истифода карда шаванд.

## 5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот

Сатҳи асоснокии илмӣ ва хулосаю тавсияҳои кори диссертатсионӣ бо омӯзишҳои анҷомдодаи муаллиф, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ овардашударо дар фаъолияти амалӣ ҳангоми баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Онҳоро

инчунин, мақомоти танзимкунандаи бахши молияи мамлакат дар фаъолияташон ҳангоми асосноккунии сиёсати танзими соҳа ва мониторинги фаъолияти молиявии муассисаҳои пулию қарзӣ истифода бурда метавонанд.

Шиносои бо мундарицаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста ба мақсади таҳқиқот ҷамъ оварда таҳлил намудааст, дар равандҳои таҳқиқот аз усулҳо ва равишҳои гуногуни илмӣ (таърихӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, моделсозии мантиқӣ, гурӯҳбандӣ, равишҳои системавӣ) васеъ истифода намудааст.

**6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**

Таҳқиқи мундариҷаю муҳтавои диссертатсияи баррасишаванда кори баитмомрасида будани онро собит сохт. Ҳалли вазифаҳои гузошташудаи назариявӣ, методӣ ва амалӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти диссертатсионии иҷрошуда сатҳи кофии дараҷаи илмиро дорост. Муқаррароти асосии диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмию амалии сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда дарҷ гардидаанд. Диссертатсияи Изатуллои Ҳабибзод дар худ таҳқиқоти мустақилонаи масъала, гузориши мақсад ва вазифаҳои муайянро ифода менамояд.

Сохтори диссертатсияи мазкур аз рӯи таркиби худ мантиқан дуруст ташаккул дода шудааст. Диссертатсия дар ҳаҷми 182 саҳифаи чопи компютерӣ навишта шуда, аз сарсухан, се боб ва хулоса иборат аст. Дар кори диссертатсионӣ 22 ҷадвал, 9 расм ҷой дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 157 номгӯйро ташкил дода, дар рафти навиштани рисолаи илмӣ бо иқтибос инъикос карда шудаанд. Кори диссертатсионӣ тамоми паҳлуҳои назариявию таҳлилии амнияти

молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объекти, мавзуи (предмет), фарзияи таҳқиқот оварда шуда, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот тавзеҳ дода шуда, сарчашма ва пойгоҳи таҳқиқот нишон дода шудааст.

Ҳамчунин, навгонии илмии таҳқиқот ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пешниҳод карда шуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ва ҳамчунин интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия нишон дода шудааст. (С.4-14).

Боби якум “Асосҳои назариявии таъмини амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ” номгузорӣ карда шуда ба таҳқиқи равишҳои назариявӣ, методии арзёбии сатҳи амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти молиявӣ дар шароити ҷахонишавӣ бахшида шудааст. (с.15-70).

Дар диссертатсия таҳлили мафҳуми амнияти молиявӣ аз нуқтаи назари олимони хориҷӣ ва ватанӣ оварда шудаанд ба тариқи сохтор зинабандии сатҳҳои амнияти молиявӣ тасвир шудааст. Ҳамзамон ба тариқи нақша механизми татбиқи равиши комплексии таъмини амнияти иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳод карда шуда, вазифаи муҳимтарини давлат дар ташкили низоми ташхис ва назарияҳои амнияти молиявӣ дақиқ гардидааст.

Дар ин росто пешниҳод гардидааст, ки методологияи амнияти молиявӣ ва омӯзиши он дар шароити имрӯз яке аз самтҳои асосии рушди

иқтисодиёти миллӣ буда, ин раванд боиси пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои ба амаломада гардад.

Боби дуюм “Арзёбии вазъи муосир ва тамоюли устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ” бештар ба таҳқиқи заминаи институтсионалии таъмини амнияти молиявӣ, вазъи муосир ва қимматҳои ҳудудии таъмини амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин радиф таъсири бесуботии молиявии ҷаҳонӣ ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад (С.71-106).

Дар боби дуюми диссертатсияи мазкур вазифаҳои институтҳои таъмини амнияти молиявӣ дақиқ карда шудаанд. Ҳамзамон мафҳуми консептуалии амнияти молиявӣ муқаррар карда шуда, тамоюлҳои принсипи амалии таъмини амниятӣ молиявии мамлакат ошкор карда шудааст. Муаллиф мукаммал намудани қонунгузориҳои амалкунанда ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷойдоштаи мамлакатро дар самти таъмини амнияти молиявӣ зарур мешуморад.

Ногуфта намонад, ки дар шароити имрӯз яке аз омилҳои таъмини амнияти молиявӣ дар кишвар ва рақобатпазир будани он дар бозорҳои ҷаҳонӣ ин иқтисодиёти рақамӣ дониста мешавад.

Аз ин лиҳоз, дар диссертатсия вобаста ба рушди амалиётҳои ғайринақдии пардохтӣ зарурати дурнамои машҳургардии асъорҳои рақамӣ, кириптоасъор бо истифодаи технологияи блокчейн муқаррар карда шудааст.

Ҳамзамон навобаста аз бартариятҳои криптоасъор эҳтимолияти эҷоди ҳолатҳои ногувор (анҷом додани амалиётҳои қаллобӣ ва ҳаннотӣ, ташакулёбии бахши соягии иқтисодиёт) ҳангоми истифодаи он дар таъмини амнияти молиявӣ ошкор карда шудааст.

Дар боби сеюм “Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти моляивии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ” роҳу усул ва воситаҳои устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар шароити ҷаҳонишавӣ пешниҳодҳо карда шудаанд. Муаллиф дар ин боб ҳамчунин, механизми ташкилӣ-иқтисодии паст намудани таҳдидҳои амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити ҷаҳонишавӣ коркард намуда, равиши нави таъмини амнияти молиявии мамлакатро ба воситаи мукаммалгардонии назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд (С. 107-154).

Шарти таъмини амнияти молиявӣ таҳлилҳо мувофиқати манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунҳои иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Пешгӯйии саривақтии рушди иқтисодӣ дар асоси тамоюлҳо ва вазъи бозорҳои ҷаҳонӣ воситаи муҳимми таъмини амнияти молиявӣ буда, дар асоси иттилооти мониторинг қарорҳои мақомоти иҷроия бо мақсади татбиқи иқтисодии манфиатҳои миллӣ таҳия гардидааст.

Мусаллам аст, ки пеш аз ҳама амнияти иқтисодии давлат ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 такя намуда, дорои хусусиятҳои асосии баҳодиҳии вазъи кунунии рушди миллӣ, аз ҷумла рушди амнияти миллии давлат дониста мешавад. Асоси онро бошад ҳифз ва беҳтар нигоҳ доштани ҳолатҳои таҳдиддошта аз ҷумла, дар амнияти молиявии кишвар басо муҳим мебошад.

Дар диссертатсияи мазкур таҳдидҳо ба амнияти буҷетӣ, андозӣ, пулӣ, бонкӣ, суғуртавӣ, маблағгузорӣ ҳамчун ҷузъи таркибии амнияти молиявӣ муқаррар карда шудаанд. Қайд мегардад, ки ҳиссаи баланди пардохтҳои андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиди ҷиддӣ дар таъмини амнияти андозиро муайян намудааст (С.127).

**5. Эроду тавсияхо ба диссертатсия.**

Новобаста аз бартариятҳо ва навгониҳои илмӣ дар диссертатсия аз баъзе камбудиҳо холӣ нестанд. Ба қатори онҳо нуқтаҳои зеринро баён намудан зарур аст:

1. Дар боби якуми диссертатсия “Асосҳои назариявии таъмини амнияти молиявии мамлакат дар шароити ҷаҳонишавӣ” ба дараҷаи

зарурӣ дида баромада шудааст. Сифати кор боз ҳам хубтар мегардид дар он заминаҳои методологии таъмини амнияти молиявӣ бозҳам возеҳтар нишон дода мешуд .

2. Дар боби дуюм бошад, “Арзёбии вазъи муосир ва тамоюли устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ” дар сатҳи зарурӣ ба анҷом дода шудааст. Аммо дар шароити имрӯз иттилоот бениҳоят зудтағйирёбанда мебошад, аз ҷумла дар самти таъмини амнияти молиявӣ ва барои бозҳам беҳтар гардидан ва мубрамияти мавзуъ хуб мегардид, ки таҳлилҳо маълумоти омории соли 2023 низ мавриди истифода қарор дода мешцуд.

3. Дар диссертатсия хулосабарорӣ карда шудааст, ки қиммати воқеии қазри хориҷӣ ба қиммати ҳадди ниҳоӣ он наздик гардида, тамоюли афзоишёбӣ дорад ва идомаёбии чунин тамоюл метавонад дар солҳои оянда барои таъмини амнияти молиявии кишвар монеаҳои муайянеро пеш орад (С.89).

Дар баробари аз тарафи муаллиф нақши қарзи хориҷӣ дар бунёди инфрасохтори нақлиётӣ ва амалисозии ҳадафи муҳими стратегии мамлакат - баромадан аз бумбасти комуникатсионӣ, ба таври муфассал таҳлил карда нашудааст.

4. Дар боби сеюм бошад, бартариятҳои асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки вобаста ба мушкилоти мавҷуда таҳлил ва арзёбии амнияти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, ки муҳтавои корро равшан мегардонад. Дар баробари ин тавсияи муаллиф дар ин боб оид ба дар сатҳи муайян нигоҳ доштани хароҷотҳои давлатӣ (С.134) дар шароити афзоиши тақозои иқтисодиёти мамлакат ба сарчашмаҳои пулӣ ва болоравии ҳамасолаи сатҳи таваррум хусусияти баҳсиро касб менамояд.

5. Барои беҳтар гардидани раванди амнияти молиявии кишвар хуб мегардид, ки вазъи имрӯзаи иқтисоди рақамӣ боз ҳам ба таври зарурӣ

нишон дода шуда, саҳми он дар диссертатсия ба таври кушоду возеҳ нишон дода мешуд.

Ҳамин тавр, камбудиҳо, моҳияти назариявӣ ва амалии кори илмии мазкурро кам намекунанд ва дорои хусусияти тавсиявӣ мебошанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии ба анҷом расида маҳсуб ёфта, дорои ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва ҳалли масоили амнияти молиявӣ дар шароитии ҷаҳонишавӣ яке аз масъалаҳои марказӣ ба ҳисоб меравад.

**6. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Баррасии диссертатсия нишон дод, ки вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф дар умум 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст.

**7. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсияи илмӣ.**

Автореферат ва мақолаҳои нашркардаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун дастоварди нави илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва чорабиниҳои илмии сатҳҳои гуногун ба чоп расонида шудаанд ва ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**8. Мутобиқати тахассусии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Нуктаҳои асосии илмии диссертатсияро метавон ба сифати асосноксозии роҳҳои паст намудани таъсири таҳдидҳо ба амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ дар соҳаи молияи мамлакат истифода бурд.

Инчунин, аҳаммияти илмии таҳқиқот иборат аз он аст, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф, аввалан метавонанд барои

устуворгардонии амнияти молиявӣ дар мамлакат истифода карда шаванд, баъдан бо мақсади такмили ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми омӯзиши курсҳои таълимии «Назарияи иқтисодӣ», «Амнияти иқтисодӣ», «Амнияти молиявӣ», «Пул қарз бонк» мавриди истифода қарор гиранд.

**9. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Мавзуъ ва мазмуни кори диссертатсионии Изатуллои Ҳабибзод аз рӯйи шаҳодатномаи ба ихтисоси доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ), инчунин ба талаботи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (рамзи ихтисосҳо: соҳаи илм, гурӯҳи ихтисосҳо, ихтисос; соҳаи илме, ки аз рӯи он дараҷаи илмӣ дода мешавад), ки бо талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “30” июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқат мекунад.

**10. Хулосаи умумӣ оид ба кори диссертатсионӣ.**

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилонаи анҷомёфта мебошад, ки навоварии илмӣ ва аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Диссертатсияи Изатуллои Ҳабибзод дар мавзуи «Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқтисодӣ) дар сатҳи баланд ва басандаи илмӣ-методӣ иҷро шудааст, таҳқиқоти мукаммал ва бааҳҷомрасидаро доир ба масъалаи мубрами муосири иқтисодиёт ва идоракунӣ – таъмини амнияти иқтисодӣ ифода менамояд.

Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» муқаррар шуда ва

бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Изатуллои Ҳабибзод барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D051000 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Амнияти иқдисодӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Дар маҷлис оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 15 - нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 15 нафар, “зид”- нест, “бетараф”- нест. (суратҷаласаи №1 аз 7 феврали соли 2024).

**Раиси ҷаласа,**
**н.и.и., сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии МТС НП ҶТ** **Рустамҷони С.Қ.**

**Ташхисгар:**
**н.и.и., дотсент, сардори Раёсати тадқиқоти масъалаҳои рушди соҳавии МТС НП ҶТ** **Муртазозода О.**

**Котиби ҷаласа:** **Содиқова А.Ф.**

Имзоҳои Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода, Муртазозода Ораз ва Содиқова Аниса Фарҳодовнаро тасдиқ менамоям.

**Сардори шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус ва умумии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Шодиева З.Д.**

**Суроғаи МТС НП ҶТ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 89, Тел./факс: Тел: +(992) 221-11-00; http//mts.tj, E-mail: info@mts.tj